# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи **«Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст.

Дар давоми зиёда аз ҳазор сол асарҳои фаровони хаттӣ бо забони тоҷикӣ таълиф гардид, ки дар онҳо тамоми бойигариҳои луғавӣ ва сарфии ин забон инъикос шуданд. Дар сарчашмаҳои куҳани тоҷикӣ баробари калима, таркиб ва ибораҳои озод ва устувор ҳамчунин силсилаи калони аносири луғавие мустаъмаланд, ки онҳо дар даврони баъдии ташаккули забони адабии тоҷикӣ аз доираи он хориҷ шудаанд, вале ҳамин калимот дар гӯйишҳои муосири тоҷикӣ ҳифз шудаанд. Аз ин ҷиҳат мавзуи интихобнамудаи диссертант Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ мубрам ба шумор рафта, он метавонад дар нишон додани усулҳои боқимонии вожаҳои «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ ёрӣ расонад.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат мебоашд.

**Дар муқаддима** муҳиммият ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқ, ҳадафу объекти таҳқиқ, сарчашмаҳои пажуҳиш, мавзуъву масоили диссертатсия, усули таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва назариявии он, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, муҳиммияти назариявию амалии пажуҳиш, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии довталаб, истифодаи натиҷаҳои он, нашри натиҷаҳои асосӣ ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби нахустини диссертатсия – *«Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ба исму сифати «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»* унвон гузошта шуда дорои се фасл мебошад. Фасли аввал ба матолиби муқаддамотӣ бахшида шуда дар фасли дуюм сухан аз унсурҳои луғавии мансуб ба исм рафтааст. Муаллиф аз қиёсу муқобалаи вожаҳои мансуб ба исму сифати дар «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ истифодашуда ба бардоште расидааст, ки имрӯз дар гӯйишҳои тоҷикӣ қисме аз аносири луғавӣ бидуни дигаргунии шаклӣ, бахши дигар бо ҳамон маънои куҳан ва гурӯҳи сеюм бо яке аз маъноҳои куҳан маҳфуз мондаанд.

Дар фасли сеюм калимаҳои **батар, пок, сахт, борик,** ки мансуб ба сифатанд баррасӣ гардида, робитаи шакливу маъноии онҳо бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Унвонҷӯ барои нишон додани шаклу маънои калимаҳо дар даврони мухталиф ба фарҳангномаҳои гузаштаю муосир мурочиат кардааст.

Боби дувуми диссертатсия – *«Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ба ҷонишин, феъл ва зарфи «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»* аз чаҳор фасл иборат буда, дар ин бахшҳо вожаҳои аслан тоҷикии ба сифат, ҷонишин ва феъл мансуббудаи «Нафаҳот-ул-унс» бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ мавриди муқоиса қарор дода шудааст. Пас аз фасли «Матолиби муқаддамотӣ» унсурҳои луғавии мансуб ба ҷонишин мавриди муқоиса қарор гирифтааст. Муаллиф ба сайри таърихии вожаҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намуда кӯшидааст, ки мансубияти забонӣ ва гунаву маъноҳои вожаҳоро дар давраи мухталиф мавриди баррасӣ қарор диҳад. Масалан зимни баррасии вожаи **ку** ба чанде аз фарҳангномаҳои этимологӣ ва осори таҳқиқии марбут ба сайри таърихии калимаҳо мурочиат кардааст. Инчунин, корбурди ҷонишини мазкурро дар осори бархе аз адибони муосир амсоли Лоиқ ва Фарзона таъкид намудааст.

Дар фасли сеюм феълҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аглаби феълҳои дар фасли мазкур матраҳгардида, асосан он феълҳое мебошанд, ки дар «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ барои ифодаи маъноҳои зиёд ба кор рафта, имрӯз дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ маҳфуз мондаанд. Фасли мазкур дорои як зерфасл буда, дар он феълҳои таркибии номии **лоф задан, кадхудо шудан, даст гирифтан, хоб шудан, рост кардан, тела кардан** баррасӣ гардидаанд.

Фасли чорум ба калимаҳои мансуб ба зарф бахшида шудааст. Қисми зиёди ин қабил вожаҳо ҳоло бе ҳеҷ тағйирот ё бо таҳаввулоти андаки овоӣ ҳифз шудаанд. Чунончи калимаи ***нав*** дар «Нафаҳот-ул-унс» ба маънои «ҳоло, ба тозагӣ, андак вакт пеш» омада дар гӯйишҳои Кангурт, Дараи Мазор, Войдара, Лангар, Ҳиҷборак ба ҳамин маъноҳо ҳифз шудааст. Дар лаҳҷаи Мастчоҳ бо афзоиши садоноки «а» дар шакли *нава* ба маънои «навакак» дар гардиш мебошад.

Боби сеюм – *«Вижагиҳои калимаҳои иқтибосии «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»* унвонгузорӣ шуда, дорои чаҳор фаслу чаҳор зарфасл мебошад.

Фасли аввал дар атрофи мавқеи вомвожаҳо дар таркибии луғавӣ, дараҷаи омӯзиши онҳо дар доираи маводи гӯйишҳои забони тоҷикӣ бахшида шуда, дар фасли дуюм сухан аз калимаҳои арабӣ меравад, ки онҳо ба се гурӯҳ: калимаҳои мансуб ба исм, сифат ва зарф дастабандӣ карда шудаанд.

Дар фасли сеюм бошад, феълҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, дар зерфаслҳои он феълҳои таркибии номии бо феълҳои *кардан, шудан* ва *гуфтан* ташаккулёфта ба таҳлили амиқи ҳамаҷониба кашида шудаанд.

Фасли охир ба барасии забоншиносии калимаҳои иқтибосии туркӣ ва портӣ мавриди баррасии забоншиносӣ қарор гирифтаанд.

Ҳулосаҳо дар 15 банд оварда шудаанд, ки мавзуи диссертатсияро фаро мегиранд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо равиши хуби илмӣ таълиф гардида, аз афзалиятҳои шоистаи зиёд бархурдор мебошад, аммо дар баробари ин баъзан камбудиҳои ҷузъӣ ҳам ба назар расиданд. Масалан, дар варианти русии автореферат баъзан ғалатҳои имлоиву китобат роҳ ёфтаанд (с. 8, 32).

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи **«Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) таҳқиқи комил ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Автореферати диссертатсия аз рӯйи шакл, муҳиммият, навовариҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалӣ ба талаботу бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа [PhD] – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Тақриздиҳандагон**:

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов С. Саъдиев

Суроға: 140332, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Вилояти Самарқанд, ноҳияи Самарқанд, деҳаи Оқмасҷид, кӯчаи Регистон, 9/1
Тел.: (+998) 99 775 19 37
E-mail: Sadiev@gmail.com

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов С.Ҷ. Маҷитова

Суроға: 140332, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, вилояти Самарқанд, шаҳри Самарқанд, кӯчаи Гагарин, 38/3.

Тел.: (+998) 91 535 44 49
E-mail: majitovasabohat82@gmail.com

Имзоҳои Садрӣ Саъдиев ва Сабоҳат Маҷитоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов И. Бӯриев

Sharof Rashidov nomidagi
SamDU xodimlar bo'limi boshlig'i

XODIMLAR BO'LIMI

**Суроғаи муассиса**:
Суроға: 140104, Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шаҳри Самарқанд, хиёбони Донишгоҳ 15.

_2_ **сентябри соли 2025**